Яке аз суннатхои бисёр бостонӣ ва хамзамон маъруфи мардуми точик мехмоннавозӣ ва арчгузорӣ ба мехмон аст. Фарханги мехмоннавозӣ дар зехни мардуми точик чойгохи хеле вижае дорад. Арчгузорӣ ба мехмон дар байни мардуми мо хамчун яке аз нишонахои умда ва аслии чавонмардӣ ва инсонгароиву одамгарӣ махсуб мешавад. Фарханги мехмоннавозӣ ва арчгузорӣ ба мехмон на факат дар андешаву орои мардум, балки дар адабиёти мо низ мавриди таблигу ташвик ва такриму тамчид карор гирифтааст.

Аксари адибони мо дар бораи одоби мехмоннавозӣ, усули пазироии мехмон, рисолату масъулияти мизбон ва ахамияти ин аъмол нуктахои чолиб ва акволи муассире ироа доштаанд, ки дар вокеъ кобили мулохиза ва пазириш мебошанд. Абёту акволе аз кабили:
“Хар кӣ мехмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад”.
Ё:
“Дӯст ояд, гарм дар огӯш гир,
Расми хуби точиконро гум макун”.
Ё:
“Мехмон атои Худост” ва суханхои дигаре аз ин кабил дер боз дар байни мардуми точик машхуру маъруф аст ва дар вокеъ ахли чомеаи мо аксарият то ханӯз ин гуна акволро дар мавриди пазироӣ аз мехмон хамчун рохкори худ мавриди корбурд карор медиханд. Чунин рохкор ба анъанаву колаби рафтор ва хатто метавон гуфт ба менталитети миллии мо мубаддал шудааст. Ин колаби рафтори миллии мо имичи мардуми мо низ хаст. Яке аз умдатарин ва бехтарин сифату хислате, ки хоричиён дар мавриди будубоши хеш дар Точикистон дар симои мардуми мо мебинанд, махз хамин хислати мехмоннавозии мардуми точик аст. Ин сифату хислат миллати моро на факат машхуру маъруф, балки махбуб низ гардонидааст. Расму таомули мехмоннавозӣ ва анъанаву одоби мехмондорӣ аз кабили колабхои шоистаи рафтори миллиест, ки ба хотири густариши нуфузу обрӯи миллат аз чониби хосу оми чомеаи мо бояд мавриди пазириш ва корбурд карор гирад, ба вижа дар мавриди муносибат ва муоширати мо бо мехмонони хоричӣ.
Мутаассифона, баъзе гурӯххо ва афроди тангназаре хастанд, ки хатто ба ин вижагии миллӣ ва сифату хислати неки суннатии мардуми мо, хамчунин риоя шудани он аз тарафи намояндагони миллат ва ба хусус рохбарияти давлат бидуни доштани хеч гуна далеле нуктагирихои бемаврид ва мугризона мекунанд.
Имрӯз дар сомонаи risolat tj.com маводе интишор дода шуд, ки дар он аз маросими истикболи расмии Сарвари давлат аз Президенти Хинд дар хавои боронии Душанбе ва бар сари мехмони худ чатр гирифтани Рохбари кишвари мо ёд шудааст.
Дар вокеъ рӯзи 8 октябр дар назди Касри миллат маросими расмии истикбол аз Президенти Хиндустон Шри Рам Натх Ковинд баргузор гардида буд. Ба ифтихори пазироии меҳмони олиќадр майдони Касри миллат мутобики расмиёти маъмулӣ ороста шуда Горди фахрї ва оркестр саф ороста буданд.
Дар маросими пазироии мехмони оликадр, ки зери бориши борон сурат гирифт, Президенти Точикистон тибки таомули мехмоннавозии миллӣ хамчун мизбон барои хифзи мехмони олирутбаи худ аз борон чатр дар даст доштанд.

Махз хамин илтифот ва риояи таомулу одоби мехмоннавозӣ аз тарафи Президенти Точикистон, ки як амали бисёр бамаврид ва саршори мухаббату эхтиром буд, мавриди интиқоди шадиди нуктагирону айбчӯёни нахзатӣ карор гирифт. Бубинед, ки ин качкорони качандеш дар оинаи качнамои пиндори хеш хатто амали ростини бузургворонаеро хам кач тасвир кардан мехоханд. Ин баддилон бо чунин нуктагирии бемавриди хеш нохудогохона аслан худро расво кардаанд. Онхо чун пистаи бемагзеянд, ки бо лаб во кардани хеш аз пуч будани худ дарак додаанд.
Бубинед, ки онхо дар иртибот ба истифодаи чатр аз тарафи Президенти Точикистон тибки таомули мехмоннавозии миллӣ хангоми кадам задан бо Президенти Хиндустон дар хавои боронӣ чӣ гуфтаанд: “Тахияи чатр аз пули шахрвандони махрум ва гирифтани он дар болои сари раисчумхури кишвари кудратманд ва сарватманд саволхои зиёдеро дар зехни шахрвандоне, ки аз ин чатр махруманд, ба вучуд меоварад”. Айбчӯӣ ва нуктагирие наметавонад музхиктар ва хамзамон аблахонатар аз ин бошад.
Ин нуктагирон бо сӯиистифода аз ин маврид ба масъалаи мухочирати мехнатӣ дахолат карда, бар набуди чатри химоятӣ дар ин росто ишора кардаанд, хол он ки мухочират ва ба вижа мухочирати мехнатӣ дар шароити кунунӣ на факат дар сатхи кишвархои рӯ ба рушд, аз чумла кишвари мо, балки хатто дар сатхи кишвархои мутаракқиву бузурге чун Чину Руссия, Хиндустону Покистон ва умуман аксари кишвархо ба амре маъмулӣ табдил ёфтааст. Аммо новобаста ба ин давлати Точикистон стратегияи паст кардани сатхи камбизоатиро дар кишвар кабул карда, дар ин росто ба тbabри мунтазам барои мархила ба мархила поин бурдани теъдоди мухочирони мехнатӣ корхои созандаеро анчом медихад. Сохтмони нерӯгоххои бузурги обии баркӣ ва ба ин васила тахияи заминаи саноатикунонии кишвар, хамчунин дар доираи имконоти мавчуда бунёд кардани корхонахои саноатӣ на факат дар атрофи пойтахт ва шахрхои калони чумхурӣ, балки дар тамоми манотики кишвар нишонаи равшани талошхои созандаи рохбарияти давлат дар ростои паст кардани шиддати мухочирати мехнатист.
Аммо бояд ба эътибор гирифт, ки манзури нуктагирон аз ироаи масъалаи фавкуззикр на арзёбӣ ва халли мушкилоти ичтимоии мардум, балки корбурди ин масъала хамчун абзори сиёсӣ ва таъсиргузории манфӣ бар зехни омма аст. Хоинони нахзатӣ хеч гохе сари созиш бо арзишхои демократӣ ва мардумсолоронаи давлати мо надоштанд. Онхо факат дар паи ахдофи тундравонаву ифротии динии худ мебошанд, зеро муктазои табиати онхо ва хочагони бурунмарзиашон хамин аст. Аммо ин афрод бояд нек донанд, ки махз хамин муктазои табиати тундравонаву ифротгароёна ва мардумситезонаи онхо окибат сари эшонро хохад хурд.
Хар кӣ бар душмании халк равон аст чу бахр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хурад.

Хусрави Шерзод